ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

# НИЗОМНОМАИ

## ДОКТОРАНТУРА (Ph.D) АЗ РӮИ ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (Суратмаҷлиси № 07 аз 02 апрели соли 2018)

ДУШАНБЕ -2018

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон
____________________Амонзода И.Т.
«____» ___________________ соли 201__

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Низомномаи докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (минбаъд -Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №227 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2017, № 93 "Дар бораи Низомномаи докторантура аз руйи ихтисос ва Стандарти давлатии докторантура аз руйи ихтисос" таҳия шудааст.

1.2. Низомнома сохт ва мӯҳтавои барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD), тартиби қабул ва қоидаҳои тайёр намудани докторҳо, талабот ба муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ро амалӣ месозанд, талаботи тахассусӣ ба сатҳи тайёр намудани хатмкунандаи докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) ва талабот ба аттестатсияи ҷамъбастии давлатиро муайян менамояд.

1.3. Дар Низомномаи мазкур чунин мафҳумҳои асосӣ истифода мешаванд:

- барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) - маҷмӯи барномаҳои таълимӣ ва илмию таҳқиқотии мунтазам таҷдидшаванда, ки аз рӯи он самти ҳаракати таълимии докторант муайян гардида, бо ҳимояи бомуваффақияти рисола ба анҷом мерасад;
- докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-шакли тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию техникӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо додани дараҷаи илмии «доктор аз рӯи ихтисос (PhD)» барои шаҳрвандоне, ки дорои дараҷаи академикии «магистр» мебошанд, иборат мебошад;
- докторант - шахсе, ки дар докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) таҳсил менамояд;
- доктор аз руи ихтисос (PhD) - дараҷаи илмие, ки аз тарафи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси қарори шӯрои диссертатсионӣ баъди ҳимояи рисолаи докторӣ аз тарафи докторант, ки талаботи барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисосро иҷро кардааст ва маҷмӯи имтиҳонҳои ҷамъбастиро бомуваффақият супоридааст, дода мешавад;
- ихтисоси тайёр намудани доктор аз рӯи ихтисос (PhD)-маҷмӯи ба таври мақсаднок аз худ намудани барномаҳои таълимии докторантура; дониш, маҳорат ва малакаҳо аз рӯи соҳаи мушаххаси илм, ки барои навъи муайяни фаъолияти илмӣ зарур аст;
- низоми кредитии таълим-низоми баҳодиҳии миқдорӣ ба мазмуни барномаҳои таълим ва натиҷаҳои азхудкунии онҳо мебошад. Кредит (ё соати кредитӣ) ин меъёри вақтест, ки барои омӯзиши фанни таълимӣ ҳар ҳафта дар давоми як семестр сарф мешавад ва дар сурати бомуваффақият супоридани имтиҳон аз ин фан донишҷӯ ба ин кредит (ё кредитҳо) соҳиб мегардад;
- шӯрои диссертатсионӣ - шӯро доир ба баррасии рисолаҳои илмӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯи ихтисос (PhD) пешниҳод гардидаанд ва дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи амалӣ кардани барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ро доранд, ташкил шудааст;

- кредит-ченаки соддакардашудаи муайянкунии ҳаҷми кори таълимии докторант мебошад.

1.4. Тайёр намудани докторҳо дар доираи барномаҳои таълимии докторантура аз тарафи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки таҳсилоти баъд аз мактаби олиро медиҳанд ва иҷозатномаи дахлдори фаъолияти таълимиро доранд, амалӣ мешавад.

## 2. Тартиби таъсис ва мақсадҳои докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)

2.1. Докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки на камтар аз 5 доктори илм аз рӯи самт ва ихтисоси докторантураи таъсисдодашаванда доранд, таъсис дода мешавад.

2.2. Докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) бо пешниҳоди раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муассис ва аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

2.3. Намунаи дипломи давлатии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2.4. Мақсади таъсиси докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) иборат аст:

- дар асоси ҳамгироии таҳсилот ва илм ташкил намудани системаи самараноки тайёр кардани кадрҳои илмӣ, илмию педагогии тахассуси олӣ мутобиқ ба стандарти байналмилалӣ, ҳамчунин ҳалли саривақтии масъалаҳои таъминоти илмӣ, методӣ, ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ, кадрӣ ва моддию техникии онҳо;
- амалӣ намудани ҷараёни таҳсилот мутобиқи принсипҳои таҷрибаи байналмилалии тайёр кардани кадрҳои илмию педагогии тахассуси олии дар бозори меҳнат рақобатпазир. Бо ин мақсад докторантҳо аз курсҳои таҳсилоти назариявӣ мегузаранд ва мустақилона таҳқиқоти илмиро амалӣ менамоянд, ки хусусияти рӯзмарра, навоварӣ ва аҳамияти амалӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли рисолаи докторӣ ба низом дароварда шуда, дифои он аз рӯи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

2.5. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос ба танзим дароварда шуда, дифои он аз рӯйи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

## 3. Вазифаҳои докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)

3.1. Вазифаҳои докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) чунин аст:

- тайёр намудани докторони ватании рақобатпазир дар бозори дохилии мамлакат ва байналмилалии меҳнат;
- ҳамгироии барномаҳои миллии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) бо фазои ҷаҳонии таҳсилот;
- ба ҷараёни таҳсилот ворид намудани технология, метод ва воситаҳои муосир ва рӯзмарраи таълим, ки ба рушди инфиродии шахсият, қобилияти вай ба худинкишофёбӣ, худмуайянкунӣ ва худомӯзӣ равона карда шудааст;
- таъмини муттасили (пайдарпайи) барномаҳои таълимии сохтори бисёрзинагии таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

3.2. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) мустақилона аз тарафи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳия карда шуда, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

3.3. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD), ки дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд, дар қисми тайёрии касбӣ бояд бо барномаҳои доктории аккредитатсияшудаи муассисаҳои таълимию илмии хориҷии пешқадам аз рӯи ихтисосҳои якхела мутобиқат намоянд.

3.4. Теъдоди докторантҳо дар докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) дар замимаи иҷозатномаи равия ва ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон нишон дода мешавад.

3.5. Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки барномаҳои докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ро амалӣ месозанд, таносуби ҳайати доимии омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмидошта ва ҳайати профессорону омӯзгорон бояд ба Стандарти давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос мувофиқат кунад.

3.6. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки барномаҳои докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ро амалӣ мекунанд, барои аз худ намудани қисмҳои таркибии барномаҳои таълимии докторантура ё гузаронидани таҳқиқот бояд ба докторантҳо ба мӯҳлати аз як то 6 моҳ таҷрибаомузии таълимӣ ва (ё) таҳқиқотиро дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷӣ таъмин намоянд.

## 4. Тартиби қабул

4.1. Қабул ба докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-и ДТТ тибқи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти илмии инноватсионӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва муассисаҳои илмии соҳаи маориф тасдиқ намудааст, амалӣ карда мешавад.

4.2. Ба докторантура аз рӯи ихтисос қабул карда мешаванд:

- шахсоне, ки дорои дараҷаи академии «магистр» мебошанд;

4.3. Довталабони ба докторантура аз рӯйи ихтисос дохилшаванда бояд яке аз забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, олмонӣ, франсавӣ, хитоӣ ва ғайра)-ро дар сатҳи барои ихтисосашон кофӣ донанд ва аз онҳо имтиҳони дохилшавӣ супоранд.

4.4. Тартиби қабул ба докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) мувофиқи Қоидаҳои намунавии қабул ба докторантура, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

4.5. Нақшаи қабул ба докторантура аз рӯйи ихтисос аз ҳисоби буҷети давлатӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда, бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва муқаррар мегардад. Ҳамчунин, докторантура аз рӯйи ихтисос ба таври шартномавӣ низ ба роҳ монда мешавад, ки нақшаи қабули онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба заминаи моддию техникӣ ва нерӯи кадрии муассисаҳои таълимию илмӣ муайян менамояд.

## 5. Сохтори барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) ва тартиби тайёр намудани докторон

5.1. Сохтори барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (Ph.D) аз ду қисми таркибии баробараҳамият - таълимӣ ва илмӣ иборат буда, аз намудҳои гуногуни корҳои таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ, ки мазмуни барномаи таълимиро муайян карда, ташаккул меёбад ва таносуб, ченак ва баҳисобгирии онҳоро инъикос менамояд.

5.2. Баҳисобгирии меҳнатталабии кори таълимӣ аз рӯи ҳаҷми маводи азхудкардашуда амалӣ мегардад ва он бо кредитҳо ҳисоб карда мешавад. Дар ин маврид системаи гункунии кредитӣ амал мекунад, ки он кредитҳои қаблан азхудкардаро дар зинаҳои пештараи таҳсилот ба ҳисоб мегирад.

5.3. Соли таҳсил аз даврахои академӣ, давраи санҷиши ҷамъбастӣ, таҷрибаомӯзӣ ва таътил иборат аст. Ҳангоми зарурат барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти докторантҳо ҷорӣ намудани семестри тобистона ба мӯҳлати 8 ҳафта иҷозат дода мешавад.

5.4. Ҳаҷми кори таълимӣ аз рӯи номгӯи фанҳои омӯхташаванда муайян карда мешавад. Дар ин маврид фан бо ҳаҷм, ки ба шумораи каратии кредитӣ (5, 6, 7) баробар мебошад, баҳогузорӣ мегардад.

5.5. Ҳангоми азхудкунии барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос ҳар як соати академии кори аудитории таълимгирандагон бояд бо соатҳои зерини мустақилона пурра карда шавад:

- аз рӯи омӯзиши назариявӣ - 4 соат кори мустақилона;
- аз рӯи кори таҳқиқотӣ - 8 соат кори мустақилона;
- ба докторантҳо ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад;
- ба докторантҳо стипендия дода мешавад, ки андозаи он ба андозаи стипендияи барои аспирантҳо муқарраргардида баробар мебошад.

5.6. Таълим аз рӯи барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) дар доираи ихтисосҳои илмӣ дар шакли рӯзона амалӣ карда мешавад.

5.7. Давомнокии меъёрии азхудкунии барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос дар заминаи магистратура, интернатура ва ординатура (резидентура) на кам аз се солро ташкил медиҳад.

5.8. Мӯҳлати таҳсил дар докторантура аз рӯи ихтисос метавонад дар асоси хулосаи дахлдори комиссияи тиббию машваратӣ (маълумотномаи Комиссияи тиббию машваратӣ ё варақаи муваққатии корношоямӣ) тамдид карда шавад:

- то 4 моҳ бо фармони роҳбари Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;
- зиёда аз 4 моҳ - дар асоси қарори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5.9. Мӯҳлати таҳсил дар докторантура аз рӯи ихтисос ба собиқаи кории илмию омӯзгорӣ дохил мешавад.

5.10. Тайёр намудани доктор аз рӯи ихтисос (Ph.D) дар докторантура аз рӯи ихтисосҳои илмӣ, ки таснифоти намунавии самт ва ихтисосҳои докторантура аз рӯи ихтисос муқаррар гардидааст, амалӣ карда мешавад.

5.11. Бо мақсади таъмин намудани озодиҳои академӣ ва баробарарзишии дипломҳо ба докторантҳо имконияти аз худ намудани кредитҳо дар дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмии аккредитатсиядошта, аз ҷумла дар хориҷа иҷозат дода мешавад, ки тартиби онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

5.12. Меъёри асосии ба анҷом расидани барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос ин аз ҷониби докторантҳо иҷро намудани тамоми намудҳои корҳои таълимию таҳқиқотӣ ва ҳимояи рисолаи докторӣ дар ҳаҷми на камтар аз 180 кредит ба ҳисоб меравад.

5.13. Дар сурати пеш аз мӯҳлат иҷро намудани барномаи таълимии докторантура ва ҳимояи бомуваффақияти рисола барои дарёфти дараҷаи «доктор аз рӯи ихтисос (PhD)» ба докторант дараҷаи мазкур новобаста аз мӯҳлати таҳсил дода мешавад.

## 6. Талабот ба мӯҳтавои барномаҳои таълимии докторантура

6.1. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос чунин намудҳои корҳои таълимию таҳқиқотиро дар бар мегирад:

- таҳсилоти назариявӣ (омӯзиши фанҳои заминавӣ ва тахассусӣ);
- таҷрибаомӯзӣ;
- кори илмию таҳқиқотӣ (иҷрои рисолаи докторӣ);
- аттестатсияи давлатии марҳилавӣ, тахассусӣ ва ҷамъбастӣ.

6.2. Қисмҳои таълимии барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисосро номгӯи фанҳои омӯхташаванда ташкил медиҳад, ки аз қисмҳои ҳатмӣ ва қисмҳои интихобии мувофиқи самти тайёр намудани докторант таҳия гардидаанд, иборат мебошад. Ҳаҷми ҳадди ақалли кредитҳои фаннӣ аз қисмҳои ҳатмӣ ва интихобӣ тибқи талаботи стандарти давлатии таълимӣ муқаррар мешавад. Номгӯи фанҳо аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мустақилона мувофиқи талаботи тахассусӣ бо назардошти эҳтиёҷоти бозори меҳнат муқаррар

карда мешавад. Фанҳои интихобиро докторант мустақилона аз рӯи феҳристи фанҳои интихобӣ интихоб мекунад ва метавонад дар давраи дилхоҳи давраи таҳсил омӯзад.

6.3. Қисми илмии барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисосро корҳои илмию таҳқиқотӣ (таҷрибавию амалӣ), таҳияи мақолаҳои илмӣ ва навиштани рисолаи докторӣ ташкил медиҳад.

6.4. Барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос ва муҳтавои он дар асоси стандарти давлатии таҳсилот таҳия гардида, аз нақшаи таълимӣ, силлабус ва маҷмӯъҳои таълимию методии фаннӣ, барномаҳои таҷрибаи касбӣ (илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ ё илмию педагогӣ) ва барномаи инфиродии корҳои илмию таҳқиқотӣ иборат мебошад.

6.5. Муҳтавои барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос мувофиқи ҷадвали зерин муқаррар карда мешавад:

| № | Номгуи фанҳо | Ҳаҷм бо кредитҳо |
|---|---|---|
| 1 | **Фанҳои заминавӣ (ФЗ)** | **15** |
| 1.1. | Фанҳои ҳатмӣ* (ФҲ) | 3 |
| 1.2. | Фанҳои интихоби (ФИ) | 12 |
| 2 | **Фанҳои тахассусӣ** (ФТ)** | **24** |
| 3 | **Таҷрибаомӯзӣ*** (ТО)** | **21** |
| 4 | **Аттестатсияи ҷорӣ (АҶ)** | **0** |
| 5 | **Кори илмию таҳқиқотӣ ва озмоишӣ-ттаҳқиқотӣ докторант** | **72** |
| 6 | **Аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ (АДҶ)** | **3** |
| 6.1 | Имтиҳони маҷмӯӣ (ИМ) | 3 |
| 6.2 | Дифои диссертатсия | 0 |
| 7 | **Иҷрои диссертатсияи докторӣ аз рӯи ихтисос** | **45** |
| | **Ҷамъ** | **180** |

*Фанҳои заминавӣ ҷанбаҳои методологӣ, илмию назариявии тахассуси илмиро инъикос мекунанд.
**Фанҳои тахассусӣ фанҳои заминавиро мушаххас ва амиқ мегардонанд.
***Кредитҳои таҷрибаомӯзӣ ба шумораи умумии кредитҳо оид ба омӯзиши назариявӣ дохил намешаванд.

6.6. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии иҷрогардида бояд дар маҷаллаҳои хориҷӣ ва нашрияҳои илмии ватанӣ нашр гарданд, инчунин, доир ба дастовардҳои илмии онҳо дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ватанӣ маълумот дода шаванд. Дар баробари ин интишорот бояд муқаррароти асосиро, ки дар вақти ҳимояи рисола пешниҳод мешавад, дар бар гирад.

6.7. Рӯйхати маҷаллаҳои илмие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мешаванд ва дар онҳо бояд ба таври зарурӣ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаҳои илмии барои дифоъ пешниҳодшуда чоп шаванд, бо пешниҳоди Вазорати маориф ва илми ҶТ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6.8. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бояд чунин инъикос шавад:

- дар як ё зиёда нашрияҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, ки тибқи рӯйхати маҷаллаҳои тақризшаванда аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;
- дар на камтар аз се мақола дар нашрияҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ;
- дар суханрониҳои расмӣ, дар на камтар аз се конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ;

- аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ дар на камтар аз як амали ҷорикунӣ дар истеҳсолот, патентҳо ё нахустпатент барои ихтироот.

## 7. Талабот ба шароити амалӣ намудани барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)

7.1. Барои гирифтани иҷозатнома барои амалӣ намудани барномаҳои докторантура аз рӯи ихтисос (Ph.D) Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд. Пас аз гирифтани иҷозатнома амали намудани барномаҳои докторантура аз рӯи ихтисос (Ph.D) имконпазир аст.

7.2. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (Ph.D)-ро амалӣ мекунанд, кадрҳои омӯзгории амалкунандаи технологияи муосири таълим дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, инчунин шартномаҳо дар бораи мубодилаи кадрҳои илмӣ бо марказҳои аккредитатсияшудаи таълимию илмии ватанӣ ва хориҷӣ, ки барномаҳои докторантура аз рӯи ихтисосро амалӣ менамоянд, дошта бошанд.

7.3. Диссертатсия таҳти роҳбарии олимони ватанӣ ва хориҷӣ (ё берунӣ - аз муассисаҳои дигари таълимӣ ё илмии дохили кишвар), ки дорои дараҷаи илмӣ (доктори илм, номзади илм ва доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос) буда, дар соҳаи таҳқиқоти илмии докторант аз рӯйи ихтисос мутахассис мебошанд, иҷро карда мешавад. Сарбории илмию педагогӣ барои роҳбарӣ намудан ба докторант аз рӯйи ихтисос дар ҳаҷми на камтар аз 100 соат ҳар сол муқаррар карда мешавад. Ба доктoрони илм роҳбарӣ ба ду докторант аз рӯйи ихтисос (дар сарбории фардӣ) ва ба се докторант (берун аз сарборӣ), ба номзади илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос - ба як докторант (дар сарбории фардӣ) ва ду докторант (берун аз сарборӣ) дар як сол иҷозат дода мешавад. Дараҷаи касбии аъзои комиссияи машваратӣ дар соҳаи илм ва объекти таҳқиқоти илмии докторант бо ду ва зиёда интишорот дар 5 соли охир дар нашрияҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин бо баромадҳо дар анҷуманҳои илмии бонуфуз бояд тасдиқ карда шавад.

7.4. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ро амалӣ месозанд, мустақилона нақшаҳои таълимӣ (корӣ ва фардӣ), барномаҳои фанҳои таълимӣ, таҷрибаомӯзӣ ва барномаҳои корҳои илмию таҳқиқотиро таҳия менамоянд ва онҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Барномаҳои фанҳои таълимӣ дар асоси стандарти ихтисосҳои илмӣ таҳия карда мешаванд.

7.5. Нақшаи таълимии инфиродӣ ва мавзӯи рисола дар мӯҳлати на зиёда аз 3 моҳи баъд аз дохилшавии докторант ба докторантура аз рӯи ихтисос аз тарафи мақоми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (Шӯрои олимон ё техникӣ), ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисосро амалӣ менамояд, дар тамоми давраи таҳсили таълимгиранда дар докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) тасдиқ карда мешавад.

7.6. Таъминоти таълимию методӣ ва иттилоотии чараёни таълим бояд сифатнок азхудкунии барномаи докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ро барои докторант кафолат диҳад. Амалӣ намудани барномаи таълимӣ бояд дастрасии озодона ба захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, фонди китобхонаҳо, технологияҳои компютерӣ, дастурҳои методӣ ва коркардҳо аз рӯи фанҳои таълимдодашаванда ва намуди дарсҳо, аз ҷумла иҷрои рисолаи доктoриро таъмин намояд.

7.7. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)-ро амалӣ мекунад ва заминаи моддию техникӣ (фонди аудитори, синфҳои компютери, озмоишгоҳҳо) дошта, барои нашри натиҷаҳои таҳқиқот шароит фароҳам меоварад.

7.8. Бо мақсади ташаккул додани малакаҳои амалии илмӣ, фаъолияти касбӣ дар соҳаи мушаххаси илм докторант аз таҷрибаомӯзӣ мегузарад, ки мувофиқи нақшаи инфиродӣ дар мӯҳлате, ки нақшаи таълимӣ муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад.

7.9. Қисми илмию таҳқиқотии барномаи таълимӣ бояд:

- ба масъалаи асосии тахассуси илмӣ, ки аз рӯи он рисолаи докторӣ ҳимоя мешавад, мувофиқат намояд;
- дар доираи маблағгузории таҳқиқоти назариявӣ, амалӣ ва дигар лоиҳаҳои буҷетии давлатӣ ва шартномаҳои хоҷагӣ гузаронида шавад;
- рӯзмарра дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ бошад;
- бо комёбиҳои назариявӣ, методӣ ва технологии муосири илм ва амалияи ватанӣ ва хориҷӣ асоснок карда шавад;
- методикаи муосири таҳқиқоти илмӣ истифода карда шавад;
- ба методҳои муосири таҳия ва шарҳи маълумот бо истифодаи технологияи компютерӣ асоснок карда шавад;
- фаслҳои назариявӣ, методӣ ва амалӣ дошта бошад, ки бо барномаҳои илмии дар рисола ҳимояшаванда мувофиқат намояд.

7.10. Натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар охири ҳар як даври академӣ аз ҷониби докторант дар шакли ҳисоботи мухтасар таҳия карда мешавад. Натиҷаи ниҳоии кори илмию таҳқиқотии докторант рисолаи докторӣ мебошад.

## 8. Талабот ба сатҳи тайёр кардан ва омодагии тахассусии хатмкунандаи докторантура (PhD) аз рӯи ихтисос

8.1. Хатмкунандаи докторантура бояд:

- дорои донишҳои бунёдии назариявӣ бошад;
- дорои малакаи истифодаи методҳои муосири озмоишӣ бошад;
- имконияти кор бо технологияи муосири иттилоотӣ, аз ҷумла усули таҳлил, коркард ва нигоҳдории ахбороти илмиро дошта бошад;
- тавонад масоили илмӣ ва амалии муосирро муайян ва ҳал намояд, фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва инноватсиониро аз рӯи ихтисоси илмии интихобкарда ташкил ва амалӣ намояд;
- донандаи сатҳи баланди забони хориҷӣ бошад.

8.2. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯи ихтисосҳои мушаххас бояд талаботи зеринро инъикос намояд:

- маълумотнокии умумӣ;
- салоҳияти иҷтимоию шахсӣ;
- салоҳияти иқтисодӣ ва ташкилию идоракунӣ;
- салоҳияти касбӣ;
- салоҳияти махсус;
- омода будан ба иваз шудани нақшаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, касбӣ, серҳаракатии ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ дар шароити ба вуҷуд омадани дигаргуниҳо ва норавшаниҳо;
- маълумотнокӣ аз рӯи равандҳои асосии фанҳо ва фанҳои алоҳидаи таълимӣ.

## 9. Аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ

9.1. Аттестатсияи ҷамъбастии докторант дар мӯҳлати пешбининамудаи ҷадвали академӣ ва нақшаи таълимии ихтисосҳо дар шакли имтиҳони маҷмӯӣ ва ҳимояи рисолаи докторӣ гузаронида мешавад.

9.2. Аттестатсияи тахассусӣ на дертар аз 1,5 сол аз лаҳзаи қабул шудан ба докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) бо мақсади муайян кардани имконияти давом додани таҳсил ва навиштани рисола гузаронида мешавад.

9.3. Докторанте, ки талаботи аттестатсияро иҷро накардааст, ҳуқуқ дорад, аттестатсияро

такроран гузарад. Дар ин маврид докторант вазифадор аст, ки маблағи таҳсилро пардохт намояд.

94. Аттестатсияро барои ҳар як барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) комиссия мегузаронад, ки аз ҷониби Ректор ва пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва татбиқот тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати комиссия на камтар аз ду нафар олим аз рӯи ихтисоси докторант шомил мешаванд.

9.5. Ба имтиҳони маҷмӯӣ оид ба ихтисос аз фанҳои заминавӣ ва касбӣ танҳо фанҳои ҳатмии барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос дохил мешаванд.

9.6. Имтиҳони маҷмӯӣ (комплексӣ) дар чунин шаклҳо гузаронида мешавад: имтиҳони шифоҳӣ, кори хаттӣ ва тест дар ҳаҷми барномаҳои таълимии фанҳо.

9.7. Имтиҳони маҷмӯӣ (комплексӣ) на дертар аз 3 моҳ то ҳимояи рисолаи докторӣ гузаронида мешавад.

9.8. Натиҷаҳои имтиҳони маҷмӯӣ (комплексӣ) бо протокол ба танзим дароварда шуда, барои ҳар як докторант алоҳида протокол карда мешавад. Агар имтиҳони маҷмӯӣ (комплексӣ) ба таври тестӣ гузаронида шавад, натиҷа дар шакли варақаи умумии имтиҳонӣ ва протоколи инфиродӣ барои ҳар як докторант алоҳида ба қайд гирифта мешавад.

9.9. Рисолаи доктории ба анҷомрасонидашуда ба комиссияи ташхисӣ барои додани хулоса пешниҳод карда мешавад. Якҷоя бо рисола ба комиссияи ташхисӣ инчунин ҳуҷҷатҳои дахлдор мувофиқи талаботи Қоидаҳои аттестатсияи ҷамъбастии давлатии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) пешниҳод мегардад.

9.10. Ба ҳайати комиссияи ташхисӣ раиси мустақил, ки ихтисосманди самт ва тахассуси таҳқиқоти илмӣ мебошад ва ду-се нафар коршиносҳои мустақил аз рӯи ихтисоси докторант шомил мешаванд. Ҳайати комиссияи ташхисӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

9.11. Комиссияи ташхиси дар шакли муқарраршуда бо яке аз қарорҳои зерин хулосаи хаттии асоснокардашударо мебарорад:

- рисолаи докторӣ барои ҳимояи расмӣ тавсия дода шавад;
- рисолаи докторӣ баъди бартараф намудани камбудиҳо дар мӯҳлати муқарраркардашуда, ба ҳимояи расмӣ тавсия карда шавад;
- рисола барои ҳимоя тавсия карда нашавад.

9.12. Тартиби дифои диссертатсияҳои докторӣ аз рӯйи ихтисос ва фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ тибқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муайян карда мешавад.

### 10. Ҳуқуқ ва масъулияти докторант

10.1. Докторант дар докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва дигар санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад.

10.2. Докторант бояд саривақт ва босифат тамоми намудҳои корҳоеро, ки барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) пешбинӣ шудааст, иҷро намояд ва рисолаи доктории ба итмомрасонидашударо пешниҳод кунад.

10.3. Ҳангоми пайдо шудани мухолифатҳо байни докторант ва мушовири илмӣ, докторант ҳуқуқ дорад ба комиссияи мусолиҳавӣ барои ҳал намудани масъалаҳои баҳсталаб мурочиат намояд. Дар ҳолати зарурӣ мақоми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон - Шӯрои олимони (техникии) Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, метавонад дар бораи озод кардани мушовири илмӣ аз роҳбарӣ ва таъин намудани мушовири нав ба докторант қарор қабул намояд.

10.4. Докторант аз докторантура аз рӯи ихтисос бо сабабҳои зерин хориҷ карда мешавад:

- бо хоҳиши худ;
- аз рӯи вазъи саломатӣ;
- барои иҷро карда натавонистани нақшаи инфиродӣ;
- барои вайрон кардани оинномаи ва тартиботи дохилии донишгоҳ;
- барои иҷро накардани шартҳои шартнома ҳангоми таҳсили пулакӣ;
- ҳангоми содир намудани ҷиноят тибқи ҳукми судӣ.

10.5. Барои шахсоне, ки аз докторантура хориҷ карда шудаанд, маълумотномаи академӣ бо нишон додани кредитҳои азхуднамуда дода мешавад.

10.6. Фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз ҷониби Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ ва назорат карда мешавад.

Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррааргардида бо дархости Донишгоҳи технологии Тоҷикистон онҳоро бо намунаи дипломҳои доктор аз рӯи ихтисос (PhD) таъмин менамояд.

10.7. Дипломи дараҷаи доктор аз руи ихтисос (PhD) бо қарори шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бевосита аз ҷониби шӯроҳои диссертатсионӣ дода мешавад.

10.8. Тамоми масъалаҳои баҳсталаб, ки дар раванди тайёр намудани доктори фалсафа (Ph.D) ё доктор аз рӯи ихтисос пайдо мегардад, тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

10..9. Докторантура аз рӯйи ихтисос тибқи тартибе, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, мушобеҳ бо аспирантура ва докторантураи анъанавӣ фаъолият менамояд.

## 11. Таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотии докторант

11.1. Таҷрибаомӯзии докторантон дар ташкилотҳои заминавӣ барои таҷрибаомӯзӣ - корхонаҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаву ташкилотҳо ва ғайра гузаронида мешавад.

11.2. Барномаи таълимии докторантура аз рӯи ихтисос таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё касбӣ ва педагогиро фаро мегирад.

11.3. Таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё касбӣ бо мақсади омӯзиши дастовардҳои тозатарини назариявӣ, методӣ ва технологии илми ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳкими малакаҳои амалии истифодаи методҳои таҳқиқоти илмӣ, коркард ва тафсири маълумот дар рисолаи таҳқиқшуда гузаронида мешавад.

11.4. Муҳтавои таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё касбӣ аз рӯйи мавзӯи рисолаи таҳқиқшавандаи докторант муайян карда мешавад.

11.5. Таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё касбии докторант мувофиқи ҷадвали академӣ ва нақшаи кории инфиродӣ, дар ҳаҷми муқаррарнамудаи стандарти давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос гузаронида мешавад.

11.6. Таҷрибаомӯзии педагогии докторант бо мақсади таҳкими донишҳои назариявии дар ҷараёни таълим ҳосилшуда, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омӯзиши методикаи таълим дар мактаби олӣ гузаронида мешавад.

11.7. Таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё касбӣ ва педагогӣ докторантон дар заминаи корхонаҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаву ташкилотҳо ва ғайра дар асоси шартномаҳои имзошуда сурат мегирад. Барнома ва муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё касбӣ ва омӯзгорӣ як моҳ пеш аз шурӯъ шудани он бо муассисаҳои заминавӣ мувофиқа кунонда мешаванд.

11.8. Роҳбарии методию таълимии таҷрибаомӯзӣ ва назорати сифати онро кафедраи тахассусӣ (минбаъд - кафедра), ки дар он докторант омодагӣ мегирад, ба зимма дорад.

11.9. Кафедра ҷиҳати тайёрии таҷрибаомӯзон-докторантон ҳангоми тартиб додани нақшаи кории инфиродии докторант омӯзиш мегузаронад, ки фарогири шиносоӣ бо ҳадафу вазифаҳо ва намудҳои гуногуни таҷрибаомӯзӣ, шаклҳои супориш дар таҷрибаомӯзӣ, талабот

ба коркарди барномаи таҷрибаомӯзӣ, қоидаҳои коркард ва ба расмият даровардани натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ, тартиби дифои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва ғайра мебошад.

11.10. Кафедра барномаи тачрибаомӯзии докторантро, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, коркард менамояд ва таҷрибаомӯзонро бо ҳуҷҷатҳои таълимию методии зарурӣ таъмин менамояд.

11.11. Бо фармони ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои докторант аз ҷониби донишгоҳ, инчунин аз тарафи муассисае, ки тачрибаомӯзӣ дар он мегузарад, роҳбари таҷрибаомӯзӣ таъин карда мешавад.

11.12. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби кафедраи тахассусӣ то оғози таҷрибаомӯзӣ докторантони таҷрибаомӯзро ҳаматарафа омода менамояд, бо онҳо машварат мегузаронад, ҳисоботи таҷрибаомӯзонро дида мебарояд, ба корҳои онҳо тақриз менависад ва ба мудири кафедраи тахассусӣ ҳисоботи хаттӣ бо эроду пешниҳод ва тавсияҳо ҷиҳати такмили омодагии амалии докторантон манзур месозад.

11.13. Роҳбари тачрибаомӯзӣ аз тарафи муассисае, ки таҷрибаомӯзӣ дар он мегузарад, ҷараёни гирдоварии маводи таҷрибаомӯзонро назорат мекунад, сифати аз ҷониби докторантон татбиқ намудани фаъолияти касбиашонро дар шароити воқеии истеҳсолот арзёбӣ менамояд ва тавсифномаи касбии тачрибаомӯзонро бо нишондоди иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ ва супоришҳои мушаххас тартиб медиҳад.

11.14. Вазифаҳои таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё касбӣ ва педагогӣ ба ташаккули маҳоратҳои зерин ҷамъбаст мегарданд:

- ташкил кардан, ба нақша гирифтан ва татбиқ намудани маводи пажӯҳиши илмӣ;
- таҳлил, арзёбӣ ва муқоиса намудани консепсияҳои мухталиф дар ҷодаи таҳқиқ ва натиҷагирӣ кардан аз он;
- таҳлил ва коркарди маълумот аз сарчашмаҳои гуногун;
- мустақилона гузаронидани пажӯҳиши илмӣ дар асоси назария ва усулҳои таҳлили муосир;
- ҳосил кардани идеяҳои нави илмии шахсӣ, аз дониш ва ғояҳои худ ба аҳли илм иттилоъ дода, тавсеа бахшидани ҳудудҳои маърифати илмӣ;
- интихоб кардан ва самаранок истифода намудан аз методологияи муосири таҳқиқ;
- интихоб кардан ва самаранок истифода намудан аз методикаи таълими мувофиқ дар донишгоҳ;
- ба нақша гирифтан ва пешгӯӣ кардани рушди минбаъдаи касбии худ.

11.15. Ҳисоботи докторантон оид ба таҷрибаомӯзии таҳқиқотӣ ё истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ бояд фарогири маводи дар ҷараёни гузаштани таҷрибаомӯзӣ ҷамъовардашуда, таҳлилёфта, системанокшуда ва таҷрибаи амалии омӯзгорӣ бошад. Ҳисоботи докторантон дар маҷлиси кафедраҳои тахассусӣ шунида, тасдиқ мегардад.

11.16. Холгузории натиҷаи таҷрибаомӯзии докторантон бо холҳои таълими назариявӣ баробар буда, ҳангоми ҳисоб кардани GPA-и умумӣ ва ба соли таҳсили дигар гузаронидан ба инобат гирифта мешавад.

11.17. Баҳои ҷамъбастии таҷрибаомӯзӣ аз рӯйи натиҷаи дифои ҳисобот оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ, баррасии тақризи роҳбари таҷрибаомӯзӣ ва тавсифномаи касбии таҷрибаомӯз гузошта мешавад.

11.18. Докторантҳое, ки дар таҷрибаомӯзӣ бесабаб иштирок накардаанд ва баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, бояд дар давраи тобистон ё дар даври академии навбатӣ, бо пардохти маблағ таҷрибаомӯзиро гузаранд.

## 12. Таҷрибаомӯзии хориҷии докторант

12.1. Барои аз худ кардани қисматҳои барномаи таълимии докторантура ва гузаронидани пажӯҳиш докторант дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар аз коромӯзии сайёр мегузарад.

12.2. Коромӯзиҳои сайёр дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷа, чун қоида, дар соли 3-юми таҳсил ба нақша гирифта шуда, дар вақти таътили соли 1-ум ва 2-юми таҳсил низ иҷозат дода мешаванд. Докторанте, ки дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон машғули омӯзиш аст, метавонад аз ҳисоби худ на зиёдтар аз як маротиба дар як сол шурӯъ аз соли 2-юми таҳсил барои дар конференсияҳои байналхалқӣ ширкат варзидан ба сафари хизматӣ

ирсол карда шавад. Вай ҳамчунин метавонад дар давраи коромӯзии хориҷӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ширкат варзад. Сафари илмӣ ба хориҷи кишвар метавонад таҷрибаи илмӣ-таҳқиқотӣ ҳисобида шавад. Пас аз як ҳафтаи бозгашт аз сафар ба хориҷи кишвар докторант ба Департаменти илм ва тадбиқот ҳисобот манзур менамояд. Ҳисоботи муфассали докторант оид ба натиҷаи сафар дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (факултет) ё муассисаи илмӣ шунида, тасдиқ мегардад.

12.3. Ҳангоми азхудкунии барномаи таълимии докторантура сафари коромӯзӣ ба марказҳои илмии ҷаҳонӣ ё донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ таҳти роҳбарии мушовири илмии хориҷӣ низ имконият дорад. Барномаи сафари коромӯзӣ мувофиқи тамоюли омодагӣ ва нақшаи кори инфиродии илмӣ-таҳқиқотӣ/озмоишӣ-таҳқиқотии докторант коркард шуда, бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

12.4. Муҳлат ва меъёрҳои маблағгузории коромӯзиҳои сайёри хориҷӣ мутобиқи асноди меъёрии мувофиқ оид ба сафарбар намудани шунавандагон ва ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи илмӣ муқаррар мегарданд.

12.5. Мушовирони илмии докторантон барои сифат ва самаранокии барномаҳо, инчунин мувофиқати муассисаҳои интихобшуда барои гузаронидани коромӯзии илмӣ ва таҷрибаомӯзии илмӣ ва касбии докторантон масъуланд.

12.6. Докторантон дар маҷлиси кафедраҳои тахассусӣ оид ба натиҷаи коромӯзии сайёри хориҷӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

12.7. Ташкили семестри тобистона ба муҳлати то 8 ҳафта бо мақсади қаноатманд сохтани иҷрои талаботи қисмати таълимие, ки бо коромӯзии таълимӣ-илмии докторант беш аз як моҳ дар хориҷи кишвар вобастагӣ дорад, иҷозат дода мешавад.

## 13. Тартиби гузаронидани коромӯзии хориҷии докторантон

13.1. Докторантони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар давоми таҳсил дар докторантура барои гузаштан аз коромӯзии илмӣ дар хориҷа таҳти роҳбарии мушовири илмии хориҷӣ аз як то шаш моҳ ба муассисаҳои пешбар ва илмии хориҷи кишвар ирсол карда мешаванд. Барои ба расмият даровардани сафар ба хориҷи кишвар ба докторант зарур аст, ки ба Департаменти илм ва тадбиқот ҳуҷҷатҳоро тибқи феҳристи зерин манзур намояд:

- аризаи докторант ба номи ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо розигии мушовири илмӣ, мудири кафедра, декани факултет ва ғайра;
- нусхаи даъватномаи мушовири илмии хориҷӣ дар варақаи ширкатии муассиса бо тарҷумаи он, ки аз ҷониби идораи нотариалӣ тасдиқ шудааст;
- иқтибос аз қарори маҷлиси кафедра оид ба тавсия барои сафарбар кардани докторант ба хориҷи кишвар;
- иқтибос аз қарори маҷлиси Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба тавсия барои сафарбар кардани докторант ба хориҷи кишвар;
- нақшаи кори докторант ҳангоми сафар ба хориҷи кишвар;
- нақшаи инфиродӣ-таълимии докторант;
- феҳристи хароҷот (аз ҷониби сохторҳои иқтисодиву молиявӣ дар асоси аризаи докторант мураттаб мегардад).

Баъд аз санҷиши дурустии бастаи ҳуҷҷатҳо ариза барои сафар аз ҷониби роҳбари шӯъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, масъули робитаҳои байналмилалӣ, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот қайд мегардад ва ба ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

13.2. Сохтори робитаҳои байналмилалӣ оид ба хидматҳои консулгариву раводидӣ машварат дода, инчунин алоқаро бо ҷониби қабулкунанда таъмин месозад. Ҳуҷҷатҳо бо пайнависии ректор ба идораи кадрҳо барои тартиб додани фармон оид ба сафар ба хориҷи кишвар ирсол мегарданд. Интиқоли маблағ барои пӯшидани хароҷоти сафар ба суратҳисоби шахсии докторант 10 рӯз қабл аз оғози сафар сурат мегирад.

13.3. Баъд аз бозгашт аз сафар ба хориҷи кишвар ба докторант зарур аст, ки:

- дар муддати се рӯз пас аз бозгашт ба қисми муҳосиботи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳисоботро бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод намояд;
- дар муддати як ҳафта пас аз бозгашт ҳисоботи муфассалро оид ба натиҷаҳои сафар тибқи нақшаи тасдиқшуда, ки аз тарафи мушовири илмии ватании докторант ба имзо

расидааст, ба сохтори дахлдори таҳсилоти баъдидипломӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ манзур созад;
- ба ҳисоботе, ки ба сохтори дахлдори таҳсилоти баъдидипломӣ пешниҳод мешавад, тақризи мушовири илмии хориҷӣ оид ба натиҷаи коромӯзӣ ва тарҷумаи он, ки аз ҷониби идораи нотариалӣ тасдиқ ёфтааст, замима мегарданд.

### 14. Талабот ба таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ)-и хориҷии докторантон

14.1.Таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ)-и хориҷии илмӣ-таҳқиқотии докторантон бо мақсади аз худ кардани дастовардҳои навини илми ҷаҳонӣ, ташаккули малакаҳои амалии фаъолияти илмӣ, касбӣ дар соҳаи муайяни илм гузаронида мешавад.

14.2. Таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ)-и хориҷӣ на беш аз ду маротиба дар тамоми давраи таҳсил тибқи нақшаи инфиродӣ доир мегардад.

14.3. Ҷадвали гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ)-и хориҷии илмӣ-таҳқиқотии докторантон ҳар нимсола аз ҷониби ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

14.4. Барои ворид намудани таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ)-и хориҷӣ ба ҷадвали гузаронидани таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ докторант бояд омӯзиши назариявиро, ки фанҳои заминавӣ ва тахассусиро фаро мегирад, гузарад ва коркардҳои назарраси илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ-таҳқиқотӣ дошта бошад.

14.5. Се моҳ қабл аз шурӯъ шудани таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ) докторант бояд, ки барои ворид сохтани он ба ҷадвал бо нишондоди сана ва макони гузариш дар нимсолаҳои якуму дуюм ариза нависад.

14.6. Барои ташкили таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ) зарур аст, ки аз мушовири илмии хориҷӣ мактуб-даъватнома бо нишондоди мӯҳлат ирсол шавад.

14.7. Дар мӯҳлати якуним моҳ пеш аз саршавии таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ)-и хориҷии илмӣ-таҳқиқотӣ докторант бояд ҳуҷҷатҳои зеринро манзур намояд:
- аризаи докторант ба номи ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо розигии роҳбари илмӣ, мудири кафедра ва роҳбари сохтори дахлдори таҳсилоти баъдидипломӣ;
- тарҷумаи мактуб-даъватнома бо нусхаи аслияш;
- нақшаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ), ки тариқи хаттӣ бо мушовири илмии хориҷӣ мувофиқа шуда, тибқи шакли қабулшуда ба низом дароварда шудааст;
- ҳисобот оид ба корҳои дар докторантура қаблан иҷрошуда, тибқи шакли қабулшуда.

14.8. Баъд аз ба имзо расидани ариза ва тасдиқ шудани барномаи коромӯзӣ докторант ҳуҷҷатҳоро тибқи рӯйхати назоратӣ пешниҳод месозад.

14.9. Се рӯз баъд аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ) манзур намудани ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии илмӣ ҳатмӣ мебошад.

14.10. Кафедраҳо дар охири ҳар соли таҳсил таҳлили самаранокии таҷрибаомӯзӣ (коромӯзӣ)-и хориҷии сайёри докторантон ва корҳои мушовирони илмии хориҷиро мегузаронанд ва маълумоти таҳлилиро ба сохторҳои Департоменти илм ва татбиқот пешниҳод менамоянд.

### 15.Механизми амалисозии мобилияти докторантҳо

15.1. Докторантҳо метавонанд, ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи илмии дигарро интихоб кунанд (дар дохили кишвар ё хориҷи он), номгӯи фанҳо барои омӯзиш ё таҷрибаомӯзиро муайян созанд ва ба номи ҳамоҳангсози барномаҳои мобилияти академӣ дархост пешниҳод кунанд. Дар асоси дархостҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи илмӣ ҳамоҳангсози маркази мобилияти академӣ бастани шартномаро оид ба ҳамкорӣ бо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи илмии дигар ташкил мекунад (бо муассисаҳои хориҷӣ – танҳо дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар чунин ҳолатҳо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи илмии ҳамкор ва барномаҳои таълимии онҳо бояд дар кишвари худ аккредитатсия шуда бошанд ва ба феҳристи муассисаҳои таълимии акредитатсияшуда ва барномаҳои таълимии аккредитатсияшуда шомил бошанд.

15.2. Барои таъмин кардани мобилияти академии дохилӣ, оптималӣ сохтани истифодаи захираҳои таълимӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва зеҳнӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мустақилона барои ҳамкорӣ шартнома мебанданд, ки мақсади он хизматрасонии таълимӣ

буда, мавзуи ҳамкории тарафҳоро дар соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ бо шарти эътироф кардани фанҳо, модулҳои азхудкардаи докторантҳои як тарафро дар муассисаи таълимӣ ё илмии тарафи дигар фаро мегирад.

### 16. Қоидаҳои ирсол намудан барои таълим (таҷрибаомӯзӣ) ба муассисаҳои ҳамкор

16.1. Дар асоси даъватномаи расмии муассисаи ҳамкор докторантҳо нақшаи таълимии фардӣ таҳия карда, онро бо кафедраи тахассусӣ мувофиқа мекунанд. Ташкили умумии корҳои омодасозӣ дар салоҳияти маркази мобилияти академӣ мебошад. Докторантҳо ба ҳамоҳангсози барномаи мобилияти академӣ аризаи асоснокшуда бо нишон додани мақсади сафари хизматӣ, макони таъйиншуда, муҳлат, фан ва забони таълим, ихтисос, сарчашмаи тахминии маблағгузорӣ пешниҳод мекунанд. Ба аризаи асоснокшуда тавсияномаи хаттии кафедраи пешбар, тасдиқи хаттии муассисаи ҳамкор оид ба қабул ба таълим (таҷрибаомӯзӣ), нақшаи таълимии фардӣ замима карда мешавад.

16.2. Ҳамоҳангсози барномаҳои мобилияти академӣ бастани созишномаи сеҷонибаро бо докторантҳо – байни докторант, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё муассисаи илмии қабулкунанда ташкил мекунад. Дар ҳолати ирсол кардан ба таълим аз ҳисоби ширкатҳои миллӣ ё ҳамкорони иҷтимоӣ (сарпарастон) созишномаи чорҷониба баста мешавад.

16.3. Дар созишнома маълумоти шахсии докторант (насаб, ном, номи падар, муассисаи ирсолкунанда, кишвар), ҷузъиёти таълим ё таҷрибаомӯзӣ (тарафи қабулкунанда, кишвар), нақшаи таълимии фардӣ - рӯйхати фанҳо ё таҷрибаомӯзӣ, ки барои омӯзиш дар муассисаи қабулкунанда интихоб шудаанд бо сабти рамзи фан, миқдори кредитҳои тарафи қабулкунанда (дар ҳолати фарқ кардани низоми кредитҳо), миқдори кредитҳо аз рӯи низоми аврупоии интиқоли кредитҳо (ECTS), муҳлати гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ ё истеҳсолӣ, семестри таълим ва ғайра нишон дода мешаванд.

16.4. Маблағгузории мобилияти академӣ метавонад аз ҳисобҳои зерин сурат гирад: маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои ғайрибуҷетии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; грантҳои ширкатҳои миллӣ, ҳамкорони иҷтимоӣ (сарпарастон), фондҳои байналмилалӣ; маблағҳои шахсии докторантҳо.

16.5. Докторантҳо дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, мувофиқи қоидаҳои тибқи Ойинномаи донишгоҳ муқарраршуда расмиёти маъмурии қабулро мегузаранд.

16.6. Пас аз ба охир расидани муҳлати таълим дар муассисаи қабулкунанда докторантҳо ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон худ транскрипт ва ҳисобот оид ба пешпардохтҳои пулиро (дар ҳолати гузаштани таълим аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон) пешниҳод мекунанд. Дар асоси транскрипт ва низоми мавҷудаи азнавҳисобкунии кредитҳо тибқи Низоми аврупоии баргардони кредитҳо азнавҳисобкунии ҳатмии кредитҳои докторантҳо гузаронида мешавад.

16.7. Дар асоси натиҷаҳои соли таҳсил Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи теъдоди таълимгирифтагон аз рӯи барномаҳои мобилияти академӣ ва маълумот дар бораи муассисаи ҳамкор бо нишондоди ахбор оид ба аккредитатсияи муассиса, барномаҳои таълимӣ ва муҳлати амал кардани онҳо ҳисобот пешниҳод мекунад.

### 17. Низоми азнавҳисобкунии кредитҳо аз рӯи Низоми аврупоии баргардони кредитҳо

17.1. Барои ба докторантҳо муҳайё кардани имконияти азхудхунии кредитҳо ё барномаи фанҳои алоҳида (таҷрибаомӯзӣ) дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пешрафтаи ҷаҳон ва таъмин кардани меъёрҳои объективии арзёбӣ ва муқоиса кардани дастовардҳои таълимӣ дар асоси низомҳои мавҷудаи азнавҳисобкунии кредитҳо ба намуди Низоми аврупоии баргардони кредитҳо, дар Низомномаи мазкур қоидаҳои азнавҳисобкунӣ таҳия карда шудаанд, ки дар асоси онҳо гузаронидани баҳоҳо мувофиқи Низоми аврупоии баргардони кредитҳо ба низоми баҳодиҳии холӣ-рейтингии дастовардҳои докторантҳо ва баръакс амалӣ карда мешавад.

17.2. Масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ, таъмин ва риоя кардани принсип ва механизмҳои Низоми аврупоии баргардони кредитҳо ба салоҳияти Департаменти илм ва татбиқот Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил аст.

17.3. Азнавҳисобкунии кредитҳо бо тартиби зерин гузаронида мешавад: ҳаҷми меҳнатталабии як кредити таълими назариявӣ бо назардошти машғулиятҳои аудиторӣ ва корҳои мустақилонаи таълимгиранда дар докторантура 180 соатро ташкил медиҳад. Кредити академӣ дар доираи Низоми аврупоии баргардони кредитҳо – ин воҳиди ченкунии меҳнатталабии омӯзиши фан ҳам дар машғулиятҳои аудиторӣ, ҳам дар вақти корҳои мустақилона мебошад. Як кредити фаъоли Низоми аврупоии баргардони кредитҳо ба 12 соати академӣ баробар аст.

17.4. Ҷадвали баҳогузории Низоми аврупоии баргардони кредитҳо 4 баҳои мусбатро дар бар мегирад (аз «A» то «D»), ва баҳои «F» бе додани кредит. Низоми баҳодиҳии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ё муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси Низоми баҳодиҳии холӣ-рейтингии дастовардҳои таълимии таълимгиранда таҳия шудааст, 10 баҳои мусбатро (аз «A» то «D») бо додани кредитҳо ва як баҳои ғайриқаноатбахш - «F»-ро бе додани кредитҳо дар назар дорад. Гузаронидани баҳоҳои Низоми аврупоии баргардони кредитҳо ба баҳоҳои низоми холӣ-рейтингӣ ва баръакси он бо роҳи гузаронидани баҳоҳо мувофиқи Низоми аврупоии баргардони кредитҳо ва гузаронидани баҳоҳои низоми холӣ-рейтингӣ ба баҳоҳои Низоми аврупоии баргардони кредитҳо мувофиқи ҷадвал сурат мегирад:

## Ҷадвали гузаронидани баҳоҳои низоми холӣ-рейтингӣ ба баҳоҳои Низоми аврупоии баргардони кредитҳо (ECTS)

